Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063
назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон
(734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Саидзода Қурбоналӣ Саид дар мавзуи «Такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли бахши аграрии иқтисодиёт)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D052000 – Бизнес-маъмуриятчигӣ (6D052002 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ).**

Дар Тоҷикистон, пас аз ба даст овардани соҳибистиқлолӣ, аз рӯзҳои аввали истиқлолият ба татбиқи сиёсати ислоҳоти амиқ ва ҳамоҳанг бо шароити нави давлатдорию хоҷагидории бозорӣ диққати махсус дода мешавад. Барои дарёфти самаранокии назаррас дар иқтисоди миллӣ ва таъмин кардани рушди устувору бемайлони иқтисод, дастраскунӣ ба механизми нави қонунгузорӣ ва таҳкими асосҳои ҳуқуқии кишвар ҳамчун омили муҳим ва муассир ба ҳисоб мерафт. Ба ҳамин хотир, қабули қонунҳои нави мувофиқ бо талаботи шароити иқтисодии бозорӣ ва татбиқи пайвастаи ислоҳот дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагидорӣ, ба хусус дар бахши давлатӣ нақши калон бозид.

Соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрӣ ҳамчун яке аз самтҳои калидии татбиқи амалии ислоҳоти иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, ки на танҳо барои таъмин намудани маҳсулоти зарурии мардуми кишвар, балки барои рушди бозори маводи истеъмолӣ, ба хусус молу маҳсулоти ватанӣ, нақши муҳимми худро мебозад. Иқдоми ҷиддӣ барои таҳкиму инкишофи соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла дар бахши аграрӣ, боиси беҳтаршавии вазъи иқтисодӣ ва имкониятҳои корӣ мегардад, ки дар натиҷа ба беҳтар гардидани вазъияти иқтисодӣ ва иҷтимоии аҳолӣ мусоидат менамояд. Ин раванд ба қонеъ гардонидани талаботи тағйирёбандаи истеъмолгарон ва таъмини бозори истеъмолӣ бо молу маҳсулоти баландсифат, ки ҷавобгӯйи эҳтиёҷоти ҷамъият аст, мусоидат мекунад.

Муаллиф бисёр ба маврид қайд мекунад, ки сарфи назар аз тадбирҳои андешидаи Роҳбарияти олии мамлакат ҷиҳати дастгирии кишоварзӣ рушди ин бахши соҳибкорӣ ва ҳамзамон яке аз соҳаҳои появӣ ва афзалиятноки истеҳсолоти миллӣ ҳанӯз қонеъкунанда нест. Муҳим аз ҳама, ҳолати имрӯзаи рушди он наметавонад иҷрои пурраи ҳадафҳои муқарраршудаи стратегияи миллиро таъмин намояд.

Муҳаққиқ роҷеъ ба нақши соҳибкории кишваразӣ чунин иброз медорад, ки бисёре аз соҳаҳои иқтисоди миллӣ, бахусус дар соҳаҳои кишоварзӣ рушди фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун омили асосию муҳимми баландбардории сатҳи самараноки иқтисоди кишвар, ба таҳкими

рақобатпазирӣ дар фазои комилан нави иқтисодӣ, метавонад мусоидат намояд. Бинобар ин, барои таъмин намудани сатҳи самаранокӣ ва баланд бардоштани рақобаттавонии иқтисодиёт бояд ҳадафҳои асосии соҳибкорӣ, алалхусус соҳибкорӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт омӯхта шавад.

Дар ҷойи дигар, аз ҷониби муҳаққиқ бо омӯзиш ва баррасии масоили таҳқиқшаванда қайд мегардад, ки соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши кишоварзӣ бояд шароити мусоид ва имкониятҳои фароҳамоварӣ барои рушди фаъолият ва таъмини устувории иқтисодии кишоварзиро муҳайё созад. Он ба ҷорӣ кардани усулҳо ва стратегияҳои инноватсионӣ, истифодаи манбаъҳои табиӣ ва захираҳои маҳаллӣ, инчунин барқарор кардани шароити корӣ ва дастгирии кадрҳои масъул вобаста аст. Ҳамзамон, вобаста ба камшавии сатҳи камбизоатӣ аз таъсири рушди соҳибкории кишоварзӣ, бар он назар мебошад, ки сатҳи некӯаҳволии аҳолии кишвар, ки ҳамчун нишондиҳандаи муҳим барои арзёбии рушди иқтисодию иҷтимоии давлат ба ҳисоб меравад, ба сурати мустақим ба фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёти миллӣ ва рушди он алоқаманд мебошад.

Бо таҳқиқи мавзуи мазкур ва таҳлилҳои васеи илмӣ, чунин метавон гуфт, ки фаъолияти соҳибкорӣ на танҳо як унсури муҳим дар ташаккул ва афзоиши ҳиссаи соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ, балки манбаи асосии ташкили ҷойҳои нави корӣ дар кишвар низ мебошад. Дар Тоҷикистон, ки иқтисоди он ба соҳаҳои аграрӣ асос ёфтааст, соҳибкорӣ дар таъсиси ҷойҳои корӣ ва бо ҳамин роҳ, дар коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва беҳтар кардани шароити иҷтимоии аҳолӣ нақши барҷаста дорад. Тавре мушоҳида карда мешавад, новобаста ба қабул гардидани раванди саноатикунонии босуръат ҳамчун ҳадафи чоруми миллӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон як кишвари аграрӣ аст, ки қисми зиёди аҳолии он, тақрибан 71,2%, дар минтақаҳои деҳот ба сар мебаранд. Ин ҳолат муайянкунандаи он аст, ки дар деҳот низ имкониятҳои иқтисодӣ ва ҷойҳои корӣ ниёзманди равандҳои мусбати рушди соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрӣ мебошад.

Дар кори таҳқиқотии худ, муҳаққиқ дар заминаи таҳлилҳои зиёди илмӣ, ба дастовардҳои мушаххас ноил гаштааст, ки метавон нишндиҳандаҳои онро ҳам аз матни диссертатсия ва ҳам аз матни автореферат мушоҳида кард. Аммо дар ин радиф, баъзе аз пешниҳодҳое мавҷуд мебошанд, ки дар таҳқиқотҳои оянда ҷиҳати такмили кори таҳқиқотӣ аз манфиат холӣ намебошанд:

1. Муҳаққиқ шумораи шахсони ҳуқуқии ба қайд гирифташуда аз рӯйи шакли моликият ва андоза дар соҳаи кишоварзиро ба таври фаҳмо ва илман таҳлил намудааст. Агар шумораи умумии бақайд гирифташудагонро вобаста ба минтақаҳо тақсим намуда, баъд аз ҷадвали болозикр дар матн дарҷ менамуд, боз ҳам сифати зербоб мукаммал мегашт.

2. Муаллиф тамоюли тағйирёбии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дигар корхонаҳои кишоварзӣ дар солҳои 2016 – 2023-ро мавриди таҳлил қарор додааст. Аз таҳлил маълум мегардад, ки шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар соли 2021 нисбат ба дигар солҳои пешин кам бақайд гирифта шудааст. Агар

аз ҷониби муҳаққиқ камшавии онҳо бо назардошти таъсири бемории коронавирус асоснок мегашт, аз манфиат холӣ намебуд.

Хулоса, бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки дониши мукаммали назариявӣ ва таҳлили маводҳои амалӣ ба муҳақиқ имконият додааст, ки дар автореферат ба таври мухтасар аз нуктаи назари илмӣ хулосаҳои судманди илмӣ пешниҳод намояд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шуда, дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ ироа гардидаанд.

Бартариятҳои таҳқиқоти мазкур аз он далолат медиҳанд, ки рисолаи илмии Саидзода Қурбоналӣ Саид дар мавзуи «Такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли бахши аграрии иқтисодиёт)» ҳамчун кори ба анҷом расида ҷавобгӯи талаботи низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D052000 – Бизнес-маъмуриятчигӣ (6D052002 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) арзанда дониста мешавад.

Тақриздиҳанда:
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
Мудири кафедраи менеҷмент ва соҳибкорӣ Бобоазиззода Ш.А.

Суроғаи муассиса: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
Хиёбони Рӯдакӣ 146, Телефон 224-72-07,
Почтаи электронӣ: rectortau31@mail.ru

*Имзои Ш.А.Бобоазиззодаро тасдиқ мекунам:*
Сардори Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва
кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.

«18» 11 соли 2025